«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон номзади илмҳои физика-иматематика, дотсент

________ Наҷмиддиниён А.М.
«09» марти соли 2023

ХУЛОСАИ

Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи унвонҷӯи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ - табиӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ.

Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин санаи 23-юми августа соли 1990 дар деҳаи Ёрии шаҳри Панҷакенти Вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст.

Мавсуф соли 2008 ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент қабул шуда соли 2012 онро бомуваффақият хатм намудааст.

Аз соли 2011 то 2016 дар муассисаи таълимии ғайридавлатии “Мактаби Саразм” ҳамчун омӯзгори фанни математика ва информатика шуда кору фаъолият намудааст.

Айни ҳол, дар Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ба ҳайси Сардори маркази таҳсилоти фосилавӣ ва устоди калони кафедраи математика-информатика кору фаъолият дорад.

Зиёвиддинзода З. З. фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2012 ба ҳайси ассистента кафедраи математика-информатика Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент огоз намуда, аз соли 2022 то инҷониб ба

ҳайси сардори маркази таҳсилоти фосилавии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент фаъолият дорад.

Зиёвиддинзода З. З. солҳои 2018-2023 ба сифати унвонҷӯ дар шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ, илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон фаъолият карда, имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанҳои Таърих ва фалсафа - 4 (хуб), Забони англисӣ - 4 (хуб), Педагогика - ихтисосро бо баҳои 5 (аъло) супоридааст.

Роҳбари илмӣ - номзади илмҳои педагогика, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Маҳкамов Дастам мебошад.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи васеи шуъбаи фанҳои табиию риёзӣ ва технологияи иттилоотии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон муҳокима гардида, барои баррасӣ ба семинари илмӣ - методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф пешниҳод гардидааст (Протоколи шуъба аз 03. 03. 2022, №03).

Семинари илмӣ-методии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳқиқоти диссертатсионии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддинро бо иштироки муқарризони расмӣ - доктори илмҳои педагогика, профессори кафедраи «Методикаи таълими математика» - и ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Нуъмонов М. ва номзади илмҳои химия, мудири шуъбаи омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Орифов А. мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дод.

Унвонҷӯ Зиёвиддинзода Зулолиддин оид ба мазмуни мухтасари диссертатсия, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои таҷрибавӣ- озмоишӣ бадастовардааш мухтасар баромад карда, хулоса ва тавсияҳои методиашро оид ба асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон манзури ҷаласа намуд ва ба саволҳои додашуда ҷавобҳои мушаххас дод.

Дар муҳокимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ муқарризони холис ва иштирокчиёни ҷаласа иштирок карда, андеша ва пешниҳоду эроди худро нисбат ба таҳқиқоти Зиёвиддинзода З. иброз намуданд.

Муқаррizи расмӣ - доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нуъмонов М. аз ҷумла қайд намуд, ки таҳсилоти фосилавӣ яке аз шаклҳои низоми таҳсилоти бетанаффус буда, ҳуқуқи инсонро ба таҳсил ва гирифтани ахбор дар давоми тамоми давраи ҳаёт татбиқ менамояд. Дар шароити муосир баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар бозори таҳсилоти фосилавӣ муҳимияти хоса пайдо намудааст, ки мақсади он навсозии дастурҳои методӣ ва паст гардонидани ҳароҷоти таълим мебошад. Объекти таҳқиқоти диссертатсия баррасии ҷараёни таҳсилоти фосилавӣ ва раванди роҳандозии он дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зимни омӯзиши фанҳои табиӣ ва риёзӣ буда, яке аз масъалаҳои мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, муқарриз дар хусуси навгонии илмии диссертатсия қайд намуд, ки зимни таҳқиқот унвонҷӯ мазмун ва моҳияти мафҳуми «таълими фосилавӣ» - ро мушаххас намуда, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои самаранокии истифодаи онро пешниҳод кардааст. Роҳу усулҳои асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ коркард гардидааст. Ҳамчунин, озмоишҳои муқарраркунандаву назоратӣ гузаронида, натиҷаҳои асосии диссертатсия бо рақамҳо ва далелҳои оморӣ ҷамъбаст карда шудааст.

Дар таҳқиқот исбот карда шудааст, ки то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия мавзуи асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ-табиӣ) мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Мақсаду вазифаҳои таҳқиқот ва баррасии озмоишҳо ба муҳаққиқ имконият додаанд, ки ба як қатор саволҳои калидии ба мавзуи таҳқиқот дахлдошта ҷавоб гӯяд.

Дар интиҳои баромад доктори илмҳои педагогӣ, профессор Нуъмонов М. қайд намуд, ки кори илмию таҳқиқотии унвонҷӯ ба шурои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Муқарризи холиси дигар - номзади илмҳои химия Орифов А. қайд намуд, ки асоси таҳқиқоти унвонҷӯро баррасии арзиши амалии таҳсилоти фосилавӣ ва самарбахшии он дар шароити муосир ташкил додааст. Ҳалли масъалаи мазкурро унвонҷӯ дар натиҷаи корҳои илмии назариявӣ ва амалӣ оид ба мавзуи мазкур дар муқаддима, ду боб ва ҷамъбасти он нишон додааст.

Орифов А. қайд намуд, ки таҳқиқоти илмии Зиёвиддинзода Зулолиддин имкон медиҳад, дар асоси муносибати ҳадафмандона масъалаи таҳсилоти фосилавиро дар омӯзиши фанҳои табиӣ - риёзӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи бунёдӣ - методологии татбиқи таҳсилоти фосилавӣ, роҳу равиши онро ҳамчун омили боэътимод эътироф намуда, ҳаллу фасл карда шавад.

Мавсуф афзуд, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар раванди омодагӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, омода намудани воситаҳои аёнӣ, маърӯзаю баромадҳо оид ба раванди роҳандозии таҳсилоти фосилавӣ истифода кард. Аз ин рӯ, пешниҳод кард, ки диссертатсияи Зиёвиддинзода З. З. барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ манзур карда шавад.

Муҳим будани диссертатсияи номзадии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар он собит мешавад, ки дар шароити муосир масъалаҳои мутобиқшавии муассисаҳои таҳсилоти олии Тоҷикистон ба талаботи замон, ворид гардидан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар раванди таълиму тарбияи мақсаднок ва иштироки донишҷӯён дар дарсҳо дар ҷойи аввал меистад.

Новобаста аз ин, дар ҷумҳурӣ то ба имрӯз дар таҷриба ва амалия ба асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла фанҳои риёзӣ - табиӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври бояду шояд таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда нашудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон як силсила масъалаҳои норавшан мондаанд, ки таҳқиқ ва ҳаллу фаслро тақозо менамояд.

Довталаб зимни таҳқиқоти худ асосҳои педагогии асосҳои педагогии тахсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст.

Муҳаққиқ проблема, мақсаду вазифа ва фарзияи таҳқиқоти диссертатсиониро дуруст муайян карда, дар ин замина корҳои зеринро иҷро намудааст. Аз ҷумла,

- адабиёти педагогӣ ва психологии муайян намудани моҳият ва мазмуни асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои тахсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил кардааст;
- ташаккулдиҳандаҳои асосӣ, меъёрҳо ва зинаҳои омодагии омӯзгор ва донишҷӯи ояндаро барои гирифтани таҳсилоти фосилавӣ муайян намудааст;
- тавсияҳои методиро барои муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати самаранок татбиқ намудани таълими фосилавй пешниҳодхо намудааст.

Зимни иҷрои мақсаду вазифаҳо ва таҳқиқоти илмӣ диссертант ба навгониҳои илмии зерин комёб шудааст:

- ба мазмун ва моҳияти мафҳуми омодагии омӯзгор ва донишҷӯи оянда ба таҳсилоти фосилавй саҳеҳият ворид карда, сохтори онро, ҳамчун, шакли ташкили мураккаби иборат аз ҷузъҳои гуногун, мушаххас кардааст;
- ҷузъҳои таркибии омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими тахсилоти фосилавй ва зинаҳои инкишофи он муайян намудааст;
- шароитҳои ташкилӣ-педагогии ташаккули омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фосилавӣ дақиқ кардааст;
- амсила ва барномаи ташаккули омодагии омӯзгори ояндаро ба таълими фосилавӣ таҳия ва дар раванди фаъолияти таълимии донишҷӯён мавриди татбиқ қарор додааст.

Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот дар асоси ҳамкории амалии бевоситаи муҳаққиқ бо объекта таҳқиқшаванда: таҳияи барномаи тахқиқот, ташкили мушоҳида ва гузаронидани озмоишҳо, тавсиф ва натиҷагирӣ аз маълумоти таҷрибавӣ - озмоишӣ, тавсифи он ва ҷамъбасткунӣ бо истифода аз усулҳои эмпирикӣ рӯйи кор омадаанд.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки дар раванди озмоиши педагогӣ маҳсулнокии амсила ва барномаи ташаккули омодагии донишҷӯён ба таълими фосилавӣ санҷида шуда, хулосаҳо ва тавсияҳои методие пешниҳод гардидаанд, ки ба омӯзгорони муассисаҳои олии касбӣ ҷиҳати омода намудани мутахассисони варзида дар самти таълими фосилавӣ ҳамчун роҳнамо хизмат хоҳад кард.

Натиҷаи корхои озмоишӣ дар анҷоми ҳар як марҳила таҳлилу ҷамъбаст гардида, мақолаҳои илмии зерини дар нашриёҳои илмии тақризшаванда чопнамудаи унвонҷӯ пурра мазмуни рисоларо фаро мегиранд:

[1-М] Зиёвиддинзода З.З. Технологияи таълими фосилавӣ дар раванди таълими математика [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. – №4/2(39). – С. 307-314. – ISSN 2308-054X.

[2-М] Зиёвиддинзода З.З. Намудҳо ва шаклҳои таълими фосилавӣ дар шароити ҳозира [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода, Б.А. Ҳусенов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. – №4/1(38). – С. 289-294. – ISSN 2308-054X.

[3-М] Зиёвиддинзода З. З. Технологияи мултимедӣ дар таҳсилоти фосилавӣ ва асосҳои педагогии истифодабарии он [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода, М.С. Самадов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. - 2021. – №3(37). – С. 278-284. – ISSN 2308-054X.

[4-М] Зиёвиддинзода З. З. Асосҳои педагогии истифодабарии воситаҳои мултимедӣ дар таҳсилоти фосилавӣ ва бартариятҳои он [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2021. – №3(35). – С. 171-177. – ISSN 2617-5320.

[5-М] Зиёвиддинзода З.З. Самтҳои асосии сохтор, мундариҷа ва рушди проблемаи таҳсилоти фосилавӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ дар замони муосир [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода, М.С. Самадов // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2021. – №3(40). – С. 25-33. – ISSN

2222-9809.

[6-M] Зиёвиддинзода З. З. Хусусиятҳои ташкили фаъолияти таълимии донишҷӯён дар таълими фосилавӣ [Матн] / З.З. Зиёвиддинзода // Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2022. – №4(40). – С. 185-190. – ISSN 2617-5620.

[7-M] *Зиёвиддинзода З. З. Асосҳои назарияи идоракунии корҳои санҷишии донишҷӯён ҳангоми омӯзиши фанни математика [Матн] / З.З.* Зиёвиддинзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2022. – №1(42). – С. 117-123. – ISSN 2222-9809.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокдорон ҷаласаи васеи семинарииилмӣ-методӣқарор кард:

1. Диссертатсияи илмии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи “Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ - табиӣ)” кори илмии мустақилона баанҷомрасида, ки дар он муаллиф ба ҳалли вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташуда ноил шудааст, ҳисоб карда шавад.
2. Диссертатсияи илмии Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ - табиӣ)» ба талаботи КОА - и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагога аз рӯйи ихтисоси 13.00.08. – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ 13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ ҷавобгӯ мебошад.
3. Диссертатсияи Зиёвиддинзода Зулолиддин Зиёвиддин дар мавзуи «Асосҳои педагогии таҳсилоти фосилавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар мисоли фанҳои риёзӣ - табиӣ)» барои ҳимоя дар шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-46 назди назди Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи Давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров тавсия ва пешниҳод карда шавад.

Хулоса аз ҷониби котиби ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ Тоҳириён Ш. мураттаб туда, дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-методии ПРМ АТТ аз 7 марта соли 2023, протоколи №03 қабул карда шудааст.

Дар ҷаласа 17 нафар иштирок доштанд. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «Тарафдор» - 17 нафар, «Зид» - нест, «Бетараф» - нест. Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ,
роҳбари семинари илмӣ-методӣ, муовини
директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмонии Ҷомии
Академияи Таҳсилоти Тоҷикистон Туронов С.Ш.

Муқарризон:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
"Методикаи таълими математика"-и ДДОТ
ба номи Садриддин Айнӣ Нуъмонов М.

Номзади илмҳои химия, мудири
шуъбаи омӯзиши фанҳои
дақиқ ва табиатшиносии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Орифов А.

Котиби ҷаласаи семинари илмӣ-методӣ,
номзади илмҳои филология, мудири
шуъбаи фанҳои филология Тоҳириён Ш. А.

Маълумот барои тамос:
Суроға: 734024, Ҷ, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126
Тел.: 2 25 84 06, 2 25 84 09
Суроғаи электронӣ: primatt@maorif.tj

Имзои Туронов С.Ш., Нуъмонов М., Орифов А. ва Тоҳириён Ш.А.- ро тасдиқ менамоям

Мудири шуъбаи кадрҳои
Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба
номи Абдураҳмони Ҷомии
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Ҳакимова Х.С.